# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло дар мавзуи «Такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ (назария, методология, амалия)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ)**

29 майи соли 2026 ш. Душанбе

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ҳайати: Фақеров Ҳ.Н., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор - раиси комиссия; Муқаддасзода Ф.М., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент — узви комиссия; Шарофзода Ф.Р., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент – узви комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносои бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло хулосаи зеринро қабул намуд:

## I. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ

Довталаби дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), мувофиқат мекунад.

Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло, 5 - уми январи соли 1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло соли 2007 ба Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хисрав дохил шуда, соли 2012 Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) – ро бо ихтисоси умури гумрукӣ, касби ташкилотчии фаъолияти гумрукӣ хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии худро аз моҳи сентябри соли 2012 ба сифати ассистенти кафедраи «Ҳуқуқи соҳибкорӣ ва гумрук» - и Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон) оғоз намудааст.

Солҳои 2012 – 2013 ба ҳайси ассистент, муовини декан оид ба корҳои тарбиявии факултети соҳибкорӣ ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат фаъолият кардааст.

Дар солҳои 2014 - 2018 ба ҳайси муовини декан оид ба корҳои таълимии факултети соҳибкорӣ ва иқтисодиёти ҷаҳон, факултети баҳисобгирӣ – иқтисодӣ ва факултети хизмати молиявӣ ва гумруки Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат адои вазифа намудааст.

Солҳои 2018 - 2019 иҷрокунандаи вазифаи дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодии Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат кор кардааст.

Солҳои 2019 - 2022 дар вазифаи иҷоркунандаи дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Солҳои 2022 - 2024 ба ҳайси декани факултети гумрук ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон фаъолияти меҳнатӣ намудааст.

Аз 9 - уми ноябри 2024 то 11 - уми январи соли 2025 дар вазифаи дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳ кор кардааст.

Аз 11 – уми январ то 13 - уми ноябри соли 2025, сардори шуъбаи таълимию методии МД «Маркази ҷумҳуриявии такмили ихтисоси кормандони соҳаҳои сайёҳӣ ва хизматрасонӣ» – и «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» фаъолият намудааст.

Аз 13 - уми ноябри соли 2025 то ҳол, муовини якуми директор оид ба илм, инноватсия ва омоданамоии кадрҳои илмии Муассисаи давлатии “Институти илмию таҳқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ” - и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон фаъолият мекунад.

Солҳои 2020-2025 докторант (унвонҷӯ)-и кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон маҳсуб меёфт.

Ҳабибуллозода М.Ҳ. диссертатсияи номзадии худро соли 2019 дар мавзуи «Ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ» дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 - и назди Донишгоҳи донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон бомуваффақият ҳимоя намуда, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ гардидааст.

Ба Ҳабибуллозода М.Ҳ. бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.05.2023, №6 унвони илмии дотсент аз руйи ихтисоси «Иқтисодиёт» бо рақами қайди ДДТ №0538 шаҳодатномаи дотсентӣ дода шуд ва аз 01 июни соли 2023 ҳамчун дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Мавзуи диссертатсияи Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло дар ҷаласаи Шурои олимони Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон), аз 28.02.2020, суратҷаласаи №11/8.4 таҳти унвони «Такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ (назария, методология, амалия)» зери мушовири илмӣ д.и.и., профессор Қодирзода Д.Б. тасдиқ шуда буд, аммо, бинобар сабаби пеш омадани зарурати истеҳсолӣ бо қарори ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз 30.04.2026 суратҷаласаи №9/11.12 дар бораи аз мушовири илмии диссертатсияи доктории Ҳабибуллозода М.Ҳ. гирифтани д.и.и., профессор Қодирзода Д.Б. қарори дахлдор қабул карда шуда, ҷиҳати бе мушовири илмӣ таҳқиқоти диссертатсиониро анҷом додан, тибқи талаботи банди 27 – и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021 № 267 тасдиқ гардидааст, иҷозат дода шудааст.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 62 мақолаи илмӣ, 21 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, панҷ боби матни асосӣ, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 392 саҳифаи чопи оварда шудааст, ки он дар маҷмуъ аз 40 ҷадвал ва 39 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 342 номгуй иборат аст.

Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи «Такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ (назария, методология, амалия)», хулосаҳои зерин бароварда шудаанд:

**II. Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ**

Диссертатсияи Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло дар мавзуи «Такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ (назария, методология, амалия)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ) мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

**III. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 62 кори илмӣ, аз он ҷумла 21 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла 13 мақола дар алоҳидаги нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

**IV. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳо носаҳеҳ**

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

**V. Комиссия пешниҳод менамояд:**

1. Диссертатсияи Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло дар мавзуи «Такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои

давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ (назария, методология, амалия)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Раҷабов Раҷаб Кучакович доктори илмҳои иқтисодӣ., профессори кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

- Шарифзода Раҳим доктори илмҳои иқтисодӣ., профессор, сарходими илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

- Раҳмонзода Зоир Файзалӣ доктори илмҳои иқтисодӣ., Ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

- Ба сифати муассисаи пешбар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

3. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

4. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

5. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
д.и.и., профессор — Фақеров Ҳ.Н.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
д.и.и., дотсент — Муқаддасзода Ф.М.

д.и.и., дотсент — Шарофзода Ф.Р.

*Имзоҳои комиссияи экспертиро тасдиқ менамоям.*

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ — Машокиров Ҷ.Н.